*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*
*(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пешниҳод шудааст**

Дар раванди таъмини рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ, амали сохтани механизми ташкилию иқтисодӣ ва танзими низоми идоракунии соҳаҳою корхонаҳо ва пешниҳоду амалисозии хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои гумукиро ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ тақозо менамояд. Аз таҳқиқҳо бар меояд, ки рушди соҳаи хизматрасонӣ ва хизматрасониҳои гумрукӣ аз баҳисобгирии омилҳои гуногуни демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ, техникӣ, технологӣ ва омили вақт вобаста буда ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва минтақавӣ, тағйирёбии қонеъ гардонидани талабот ба мол ва хизматрасонӣ, сатҳи буҷети давлатӣ, рушди минтақаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад.

Вобаста ба ин пешбурди таҳқиқи маҷмуӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули стратегияи таъмини рушди соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои гумрукӣ гузаронидани таҳқиқотҳои суроғавиро дар бар мегирад. Аз тарафи дигар таҳқиқи масъалаҳои рушди истифода ва мукаммалгардонии низомҳои гумрукӣ мубрам аст. Дар ин радиф мушкилот ҷиҳати самтҳои такмили истифодаю интихоби низомҳои гумрукӣ то ҳоло ба таври пурра таҳқиқ нашудааст. Бо назардошти ин мубрамияти рисолаи номзадии Ғаюрова Р.С. бебаҳс аст.

Аз баррасии автореферат бар меояд, ки дар рисола дар сатҳи зарурӣ моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар муайян карда шуда, таснифи намудҳои ин хизматрасониҳо барои таъмини фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ гузаронида шудааст.

Диққати асосӣ дар рисола ба таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта шуда, истифодаи он дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар автореферат дар асоси таҳқиқ омилҳое, ки ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд. Бо истифодаи ин натиҷаҳо амсиласозии иқтисодию риёзии

истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил ба анҷом дода шудааст.

Дар автореферат асосноккунии дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар асоси гузаронидани ҳисобҳои эксперименталӣ ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод гардидааст.

Новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои камбудиҳо мебошад.
Дар автореферат на ҳамаи афзалиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии рушди пешниҳоди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд. Инчунин баъзе аз самтҳои мукаммалгардонии низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ дар автореферат шарҳ дода нашудааст.

Эродҳои пешниҳод гардида ба мазмун ва баҳои воқеии рисола таъсир намерасонанд.

Автореферат ва маводҳои чопшуда ба пуррагӣ сохтори рисоларо дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯ, аз омӯзиш ва таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки кори диссертатсионии Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммал-гардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Мирзобеков Х.Д.

*Имзои н.и.и., дотсент Мирзобеков Х.Д.- ро тасдиқ менамоям:*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ
ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734042, шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10. Тел.: (+992) 907-97-09-33, E-mail: mhurshed_80@mail.ru